**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ЛОИҲАИ РУШДИ ТАҲСИЛОТИ ОЛӢ**
**БАРНОМАИ ГРАНТҲОИ ОЗМУНӢ**

**Номи муассиса:** **Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**
**Номи лоиҳа:** **Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония**

# ҲИСОБОТ
# ОИД БА РАФТИ ТАТБИҚИ ЛОИҲА

***(дар моҳи апрели соли 2019)***

**Душанбе, 2019**

**Ҳисобот**
оид ба рафти татбиқи лоиҳаи барномаи грантии озмунӣ Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония

**Маълумоти умумӣ:**

Бо мақсади амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди соҳаи маориф байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ассотсиатсияи байналмилалии рушд/Бонки ҷаҳонӣ Созишнома оид ба маблағгузорӣ (гранти №D082-TJ) ва (кредити №5702-TJ) аз 7 августи соли 2015 ҷиҳати маблағгузории Лоиҳаи «Рушди таҳсилоти олӣ» ба имзо расонида шуд.

Дар ин замина, ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълим ва мутобиқати он ба бозори меҳнат дар асоси натиҷаҳои озмун барои гирифтани грант байни Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон Созишномаи грантӣ аз 30.11.2018, № 07/1 ҷиҳати маблағгузории лоиҳаи барномаи грантии озмунӣ «Ташкили муҳити инноватсионии донишгоҳ дар асоси ҷорӣ намудани раванди Болония»

**Мақсад ва вазифаҳои лоиҳа:**

Мақсади лоиҳа ташкил намудани фазои таълимӣ-инноватсионӣ бо дарназардошти азнавсозии стандартҳои таълимӣ, нақшаҳо, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо дар асоси принсипҳои Раванди Болония, инчунин ҳамгироии таълим, тадқиқот ва ҷорӣ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ дар амалияи бизнеси миллӣ мебошад.

Вазифаҳои асосии лоиҳа иборатанд аз:

- Таҳия ва тасдиқи 6 номгӯи стандартҳои таълимӣ ихтисосҳои роиҷи донишгоҳ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, силлабусҳо, китобҳои дарсӣ ва модулҳо барои донишҷӯёни ихтисосҳои менеҷменти молиявӣ, менеҷменти инноватсионӣ, иқтисоди ҷаҳон, иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна, таҳлили иқтисодӣ ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт.
- Гузаронидани тренингҳо дар асоси интихоби пешакии номзадҳои шавқманд ва то ҳадде тайёрбуда бо назардошти баробарии гендер.
- Таҳия ва чопи 2 номгӯи китоби дарсӣ «Соҳибкории инноватсионӣ» ва «Менеҷменти инноватсионӣ» бо ду забон ба миқдори 4 ҳазор дона.
- Ташкил ва баргузории озмуни «Беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ» бо назардошти интихоби пешакии донишҷӯён, магистрон ва аспирантони донишгоҳ на кам аз 50 нафар.
- Амалигардонии на кам аз 4 беҳтарин бизнес-ғояи инноватсионӣ дар доираи фаъолияти бизнес-инкубатор, ки дар заминаи лоиҳа таъсис дода мешавад.
- Ташкили на кам аз 2 ширкати нави навовар ва пешкаш намудани на камтар аз 1 мол/хизматрасонии инноватсионӣ ба бозор.

**Қисматҳои лоиҳа/самтҳои асосии фаъолият:**

Компоненти 1 – Такмили барномаҳои таълимӣ дар заминаи татбиқи ҷараёни Болония дар чаҳорчубаи интихоби бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

Компоненти 2 – Ташкили инфрасохтори муҳити таълимӣ-инноватсионӣ баҳри татбиқ намудани бизнес-ғояҳои инноватсионӣ.

**Муҳлати татбиқи лоиҳа:**

Оғози лоиҳа: 1 декабри соли 2018
Анҷоми лоиҳа: 30 ноябри соли 2020

**Сарчашмаҳои маблағгузории лоиҳа:**

| № | Сарчашмаҳои маблағгузорӣ | Сумма, сомонӣ | % |
|---|---|---|---|
| 1. | Маблағи грант | 2 293 111,00 сомони | 97,1% |
| 2 | Саҳми муассиса | 70 639,00 сомони | 2,9% |
| | **Ҳамагӣ** | 2 363 750,00 сомони | 100% |

**Маблағгузории лоиҳа:**

***Шарҳи кӯтоҳ оид ба маблағгузорӣ:***

*Дар ин давра ба суратҳисоби махсуси лоиҳа дар ҳаҷми умумии 1146556,0 сомонӣ ё ин, ки дар ҳаҷми 50%, аз он ҷумла 917245,0 сомонӣ маблағҳои транши дуюми грант дар моҳи апрел ворид гардид, ки 40,0 %-и маблағҳои умумии лоиҳаро ташкил медиҳад. Аз ҳисоби донишгоҳ дар моҳи майи соли 2019 маблағ ҷудо мегардад.*

**Азхудкунии маблағҳо (то 31.04.2019)**

Дар давоми моҳи майи соли 2019 дар ҳаҷми 24040,0 сомонӣ маблағи грант азхуд карда шуд (тибқи нақша 24920,0 сомонӣ), ки 96,5 %-и нақшаро ташкил медиҳад.

Ҳаҷми умумии маблағҳои азхудкардашуда аз оғози татбиқи лоиҳа ба 201278,46 сомонӣ баробар аст, ки ин 87,8 %-и нақшаи молиявии аз аввали татбиқи лоиҳа (229311,0 сомонӣ) пешбинишударо ташкил медиҳад.

Ҳисоботи молиявӣ замима мегардад.

**Ҳолати татбиқи лоиҳа:**

Дар давраи ҳисоботӣ, чорабиниҳои зерин амалӣ гардида, натиҷаҳои зерин ба даст оварда шуданд:

| № | Номгӯи чорабиниҳои нақшавӣ | Шарҳи натиҷаҳо |
|---|---|---|
| 1. | Ҷамъоварӣ ва таҳлили стандартҳои амалкунандаи таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, | Аз тарафи гурӯҳи корӣ оид ба татбиқи лоиҳа чорабиниҳо нисбати ҷамъоварӣ ва таҳлили стандартҳои амалкунандаи |

| | | |
|---|---|---|
| | барномаҳо, силлабусҳо ва кейсҳо дар низоми кредитии таълим аз тарафи Гурӯҳи корӣ (ГК) | таълимӣ, нақшаҳои таълимӣ, барномаҳо, силлабусҳо ва кейсҳо дар низоми кредитии таълим гузаронида шуданд. Аз кафедраҳои тахассусии марбут ба 6 ихтисоси дар лоиҳа дарҷгардида маводҳои зарурӣ ба таври электронӣ ва чопӣ ҷамъоварӣ карда шуд. Хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи маводҳои ҷамъшуда мавриди таҳлил қарор дода шуд. |
| 2. | Таҳияи вазифаҳои хизматӣ барои мушовирони хориҷӣ оид ба омӯзиш ва таҳияи стандартҳои таълимӣ роҷеъ ба 6 ихтисос:<br>(1) менеҷменти молиявӣ,<br>(2)менеҷменти инноватсионӣ,<br>(3)иқтисоди ҷаҳон,<br>(4)иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна,<br>(5)таҳлили иқтисодӣ<br>(6) технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт<br>Таҳияи шартномаи дутарафа бо шарикони хориҷӣ оид ба ташкил ва гузаронидани тренингҳои омӯзишӣ дар ДДМИТ | Аз тарафи гурӯҳи корӣ дар натиҷаи баргузор намудани силсила-мукотиба ба воситаи шабакаи интернет бо шарикони хориҷӣ мувофиқа карда шуда, таҳияи вазифаҳои хизматии мушовирони хориҷӣ оид ба омӯзиш ва таҳияи стандартҳои таълимӣ роҷеъ ба 6 ихтисос:<br>(1) менеҷменти молиявӣ,<br>(2) менеҷменти инноватсионӣ,<br>(3)иқтисоди ҷаҳон,<br>(4)иқтисод ва идора дар корхонаҳои хурду миёна,<br>(5)таҳлили иқтисодӣ<br>(6) технологияи иттилоотӣ<br>ба анҷом расонида шуд.<br>Инчунин, аъзоёни гурӯҳи корӣ шартномаи мазкурро бо Донишгоҳи иқтисодӣ ва илмҳои инсоншиносӣ дар шаҳри Варшава (University of Economics and Human Sciences in Warsaw) таҳия намуда, ба шарикони хориҷӣ барои муҳокима фиристоданд. |
| 3. | Таҳия ва мувофиқат кардани барномаи тренингҳои омӯзишӣ барои устодони ДДМИТ (ТОТ) | Баъзе пешниҳодҳо оид ба мазмун ва мундариҷаи барномаи тренингҳои омӯзишӣ барои устодони ДДМИТ аз тарафи аъзоёни гурӯҳи корӣ ба мушовирони хориҷӣ фиристода шуданд. |
| 4. | Интихоби иштирокчиёни тренингҳои омӯзишӣ аз байни устодони 6 ихтисосҳои дар лоиҳа дарҷгардидаи ДДМИТ | Доир ба интихоби иштирокчиёни тренингҳои омӯзишӣ аз байни устодони 6 ихтисосҳои дар лоиҳа дарҷгардидаи ДДМИТ аз тарафи гурӯҳи корӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ бурда шуда истода, ва дар мӯҳлатҳои муқарраршудаи лоиҳа интихоб сурат мегирад. |

**Мушкилотҳое, ки ба рафти татбиқи лоиҳа таъсири манфӣ расонида истодаанд:**

Бо сабаби муташанни□ будани вазъи сиёсӣ дар Фаронса шарики Лоиҳа - Донишгоҳи Версали ша□ри Париж новобаста аз саъю к□шиши бисёри гур□□и кор□ ро□еъ ба давом додани мукотиба ягон ташаббус нишон надод. Барои рафъи ин мушкилот барои иваз кардани шарики Лоиҳа ба Вазорати маориф ва илми ҶТ аз тарафи ро□барияти донишго□ мактуби расм□ ирсол карда шуд.

Аз ин лиҳоз, ба гурӯҳи корӣ зарур омад, ки шарики нави хориҷӣ ҷустуҷӯ намояд, ки ин барои амалӣ намудан ва дар муӯлати муқарраршуда ба иҷро расонидани бандҳои лоиҳа монеа эъҷод намуд.

Новобаста аз ҳолати қайдшуда, ба гурӯҳи корӣ муяссар гардид, ки дар мӯҳлатҳои муқарраршудаи Нақшаи иҷроиши лоиҳа бо Донишгоҳи иқтисодӣ ва илмҳои инсоншиносӣ дар шаҳри Варшава (University of Economics and Human Sciences in Warsaw) мукотиба пайдо намуда, дар рӯзҳои наздик шартномаи ҳамкориро ба имзо расонад.

**Ҳамоҳангсози лоиҳа** **Сафаров Б.Г.**

**03.05.2019**